**Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-018 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Додозода Абдуманон Махсуд дар мавзуи «Масъалаҳои гуноҳ дар вайронкунии ухдадориҳои шартномавӣ дар ҳуқуқи мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ пешниҳод шудааст**

Дар фазои муносибатҳои мадании муосир ҷабҳаҳои иҷроиши уҳдадориҳои шартномавӣ ва вайронкунии уҳдадориҳои шартномавӣ яке аз масъалаҳои мубрами илм, қонунгузорӣ ва амалия қарор гирифтааст.

Дар шароити муносибатҳои бозаргонӣ, ва инкишофи сектори хусусӣ ҷавобгарии маданӣ дар таъмини қонунияту тартиботи ҷамъиятӣ аҳаммият ва мавқеи худро мустаҳкам кардааст. Бе механизми матлуби истифодаи ҷавобгарӣ рафтори дурусти иштирокчиёни муомилоти маданиро таъмин кардан ва кафолати ҳуқуқи субъектҳои он имконнопазир аст.

Мафҳуми ҷавобгарии ҳуқуқӣ, моҳият, асосҳо, шартҳо, аломатҳо ва вазифаҳои он дар назария ва амалияи ҳуқуқӣ ва алалхусус дар соҳаҳои алоҳида яке аз масъалаҳои асосӣ буд ва боқӣ мондааст. Дар адабиёти ҳуқуқӣ оид ба моҳияти ҷавобгарии ҳуқуқӣ баҳси васеи илмӣ вуҷуд дорад. Ин мубоҳиса дар ҳуқуқи маданӣ ба вуҷуд омада бошад ҳам, вале ба сабаби амиқӣ ва миқёси умумиҳуқуқӣ хусусияти умумиинazariявӣ пайдо кардааст. Бе тафсилот, мо оид ба мафҳуми ҷавобгарии ҳуқуқӣ баъзе нуктаҳои назарро баён карда, инчунин муқаррароти асосии ҷавобгарии маданиро баррасӣ менамоем.

Дар асарҳои назарияи давлат ва ҳуқуқ ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҳамчун нисбат ба ҷинояткор татбиқ намудани чораҳои маҷбуркунии давлатие, ки дар санксияи меъёри ҳуқуқӣ пешбинӣ шудаанд, дар шакли маҳрум кардан аз ҳуқуқи шахсӣ, ташкилӣ ё молумулкӣ ифода ёфтааст.

Гуноҳ яке аз шартҳои ҷавобгарӣ барои расонидани зарар ва номатлуб иҷро кардани уҳдадориҳо мебошад. Проблемаи гунаҳгорӣ яке аз масъалаҳои мубрамтарин ва мураккаби ҳуқуқи маданӣ мебошад. Аз ин рӯ, инкишофи назариявии он дар оянда гарави такмили танзими ҳуқуқи маданӣ мебошад. (саҳифаи 3-4).

Мутобиқ ба автореферати диссертатсияи Додозода А.М. ҳадафи асосии ин таҳқиқоти диссертатсионӣ омӯзиши ҳамаҷонибаи ҷанбаҳои ҳуқуқии масъалаҳои назариявӣ ва амалии гуноҳ дар вайронкунии уҳдадориҳои шартномавӣ, таҳияи самтҳо ва усулҳои нави омӯзиши он дар доираи мавзӯи мазкур мебошад.

**Дар доираи таҳқиқоти диссертатсионӣ** вазифаҳои зерин гузошта шудааст:

–омӯзиши марҳилаҳои асосии таърихии ташаккул ва инкишофи гуноҳ, инчунин муайян намудани заминаҳои назариявии эҷоди доктринаҳои муосир дар бораи гуноҳ дар вайронкунии уҳдадориҳои шартномавӣ;

–таҳлили равишҳои муосир ба фаҳмиши гуноҳ дар чунин ҳолатҳо ва муайян намудани бартарӣ ва камбудиҳои онҳо;

–пешниҳоди чораҳо ҷиҳати такмили муносибати назариявӣ ва амалӣ ба гуноҳ дар вайронкунии уҳдадориҳои шартномавӣ;

–асосноккунии пешниҳодҳо барои такмили назарияҳои марбут ба мафҳуми гуноҳ;

–ошкор намудани шаклҳо ва дараҷаи гуноҳ дар вайронкунии уҳдадориҳои шартномавӣ дар ҳуқуқи маданӣ;

–муайян намудани ҳадди гуноҳ дар чунин вайронкуниҳо дар доираи ҳуқуқи маданӣ;

–асосноккунии гуноҳи шахсони ҳуқуқӣ дар вайронкунии уҳдадориҳои шартномавӣ дар ҳуқуқи маданӣ;

–таҳкими асоснокии гуноҳи соҳибкорони инфиродӣ дар чунин ҳолатҳо;

–ошкор намудани камбудиҳои қонунгузорӣ, ки танзими масъаларо фаро мегиранд;

–таҳия ва пешниҳодҳои назариявии асоснокшуда барои такмили минбаъдаи қонунгузории марбут ба ҷавобгарии гуноҳ дар вайронкунии уҳдадориҳои шартномавӣ. (саҳифаи 7-8).

Аз мазмуну муҳтавои автореферати мазкур бармеояд, ки муаллиф вазифаҳои дар наздаш гузоштташударо дар сатҳи дахлдор иҷро намуда, нуктаҳои илмии асоснок ва тавсияҳои амалии судмандро ҷиҳати рушди илми ҳуқуқшиносии ватанӣ ва таҷдиди қонунгузории соҳа манзур намудааст, ки аз манфиат орӣ нестанд. Бе тардид натиҷаҳои таҳқиқоти анҷомдодашуда на танҳо аҳамияти назариявӣ доранд, балки дар амалия низ мумкин аст ба таври фарох истифода бурда шаванд.

Аз моҳияти интишороти муаллиф, ки 12 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 7 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 5 мақола дар нашрияҳои дигар ба табъ расонидааст, бармеояд, ки таҳқиқбаранда дар самти масъалаҳои мухталифи мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ корҳои илмии арзишмандро анҷом додааст, ки натиҷаи онҳоро метавон дар самтҳои алоҳидаи илми ҳуқуқшиносӣ мавриди истифода қарор дод. Натиҷаҳои таҳқиқҳои илмии муаллиф дар як қатор конференсияҳои сатҳи ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ ироа гардидаанд, ки гувоҳӣ аз масъулияти муаррифии илми ҳуқуқшиносии ватанӣ дар сатҳҳои гуногун аз ҷониби диссертант мебошад.

Таҳлили автореферати диссертатсияи Додозода Абдуманон Махсуд дарак медиҳад, ки рисолаи илмӣ дар заминаи сарчашмаҳои нодири таърихӣ-ҳуқуқӣ, қонунгузории миллӣ ва ғояҳои илмии муосир анҷом дода шудааст.

Дар баробари дастовардҳои зиёд, инчунин ҳолатҳое ба назар мерасанд, ки баҳснок ва посухталаб мебошанд, аз он ҷумла зимни таҳлили масъалаҳои марбут ба уҳдадориҳои шартномавӣ ва вайронкунии уҳдадориҳои шартномавӣ, диссертант меъёрҳо ва принсипҳои санадҳои ҳуқуқии байналмилалиро мавриди истифода қарор медод ба манфиати кор мебуд.

Мулоҳизаҳои мазкур ҳангоми баҳодиҳии мусбии автореферати таҳқиқоти диссертатсионӣ нақши муайянкунандаро намебозанд ва танҳо шаҳодати он мебошанд, ки масъалаҳои баррасишаванда хеле муҳим буда, мураккаб ва баҳсноканд.

Дар маҷмуъ, аз таҳлилу баррасии автореферати мазкур ба хулосае омадан мумкин аст, ки Додозода Абдуманон Махсуд ҳангоми навиштани рисолаи илмӣ қобилияти баланди эҷодкорӣ нишон додааст.
Автореферати диссертатсияи Додозода Абдуманон Махсуд дар мавзуи «Масъалаҳои гуноҳ дар вайронкунии уҳдадориҳои шартномавӣ дар ҳуқуқи мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, мувофиқ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ сазовор мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
иҷрокунандаи вазифаи мудири кафедраи ҳуқуқи мадани
ва меҳнатии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи
давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Очилова Ф.А.

Имзои Очилова Ф.А.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати
Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Бобоев А.Х.

14.01.2025

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, Муассисаи давлатии таълимии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, 735700, шаҳри Хуҷанд, микроноҳияи 17, бинои 1,
Тел:+992 (3422) 2-38-11; Факс:+992 (3422) 2-51-70.
Веб сайт: www.tsulbp.tj. Email: tsulbp@rambler.ru